## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИСИ

**шурои диссертатсионии 6D. КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи номзадии Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ). - Хуҷанд, 2022. - 171 с.**

Комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D. КОА – 037-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар ҳайати раис Шокиров Туғрал Сироҷович – доктори илми филология, аъзо Азимова М.Н. – доктори илми филология, дотсент, Расулов С.М. – доктори илми филология, дотсент оид ба қабул намудани диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Рисола дар кафедраи грамматикаи забони арабии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, дар ҷаласаи васеи кафедраи номбурда бо иштироки устодони кафедраҳои забони англисӣ ва забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (протоколи № 9 аз 19.04.2022) муҳокима карда шудааст.

Рисолаи номзадии Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович ба таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ (“Туҳфат-ул-хонӣ”) ва Садриддин Айнӣ (“Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ”, “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”) бахшида шудааст. Дар рисола бо усули муқоисавӣ-таърихӣ ва

эҳсой заминаҳои рушд ва ташаккули ҳиссаҳои номии нутқи осори давраҳои қиёсшаванда, нақшу мақом ва дараҷаи корбурди аносири шаклсозу калимасоз ва категорияҳои грамматикии ҳиссаҳои номии осори муқоисашаванда ба риштаи пажӯҳиш кашида шудаанд.

**Ҳадафи асосии пажуҳиши рисола** нишон додани вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар осори таърихии "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ ва "Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ" ва "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро"-и Садриддин Айнӣ, аз ҷумла ифодаи категорияҳои грамматикии исму сифат, таҳаввулоти унсурҳои ҷамъбандию вожанигорӣ, нақши шумора ва баъзе навъҳои ҷонишинҳо дар ташаккули илми морфология ва ба таври қиёс нишон додани умумияту фарқи ҳиссаҳои номии нутқ дар забони осори давраҳои мавриди омӯзиш мебошад. Мақсади асосии диссертатсия, аз як тараф, таҳлили қиёсии хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ бошад, аз тарафи дигар, инъикос намудани манзараи воқеии забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX ва муайян кардани таҳаввулоти меъёрҳои забонӣ аз нигоҳи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ маҳсуб мешавад.

Ҳамчунин рисола баъзе тавсияҳоро оид ба таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони осори давраҳои муқоисашаванда дар бар мегирад.

Диссертатсияи Ашрапов Б. П. аз муқаддима, номгӯи ихтисораҳо, се боб, ҳафт фасл, бисту ду зерфасл, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ, сарчашмаҳо иборат мебошад, ки 171 саҳифаро дарбар гирифтааст. Ба кор дар ҳаҷми 116 саҳифа ҳисоби оморӣ, диаграма ва ҷадвали муқоиса замима шудааст.

**Дар мукаддима** оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект, мавзуъ, асосҳои назариявӣ, пойгоҳ ва навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти

назариявӣ ва амалӣ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, навгонӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми рисола **“Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии исм дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX”** унвон гирифта, аз ду фаслу ҳафт зерфасл иборат мебошад. Ин боб ба омӯзиши масъалаҳои исм, категорияҳои грамматикии он ва вежагиҳои морфологии исмҳои сохта бахшида шудааст. Дар фасли аввал роҳу ифодаи категорияҳои грамматикии исм, аз ҷумла категорияи муайянӣ ва номуайянӣ ва шумораи осори давраҳои қиёсшаванда таҳлил гардидаанд. Аз муқоисаи далелҳои забони осори давраҳои мавриди омӯзиш муаллиф ба натиҷае расидааст, ки дар онҳо категорияи шумора яке аз вежагиҳои бориз ва фарққунандаи морфологии исм буда, баробари пасванди **-ҳо** корбасти қаринаҳои пасванди **-он (-ён** ва **-вон, -гон)** низ дар мавридҳои алоҳида ба назар расиданд. Ҷамъбандии исмҳои асари Карминагӣ бо пасванди **-ҳо** назар ба дигар морфемаҳои шаклсози осори қиёсшаванди устод Айнӣ камтар мавриди истеъмол қарор гирифтаанд, ки вожаҳои тоҷикиаслу арабӣ ва туркӣ бо пасванди **-ҳо** дар бисёр ҳолат бо исмҳои беҷону ҷондор ва маънӣ истеъмол шудаанд.

Ҳангоми андешаронӣ ва таҳлил муҳаққиқ ба сарчашмаҳои эътимодноки илмӣ муроҷиат кардааст ва аз онҳо иқтибосҳо овардааст, ки ин ҳолат аз иқтидори илмии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Бояд тазаккур дод, ки дар ҳар як фаслу зерфасли боби мазкур муҳаққиқ кӯшиш ба харҷ додааст, то хулосаи худро аз рӯйи методи оморӣ, яъне ба воситаи диаграмаву схемаҳои гуногун фикри худро ҷамъбаст намояд, ки ин далели заҳмати зиёди муҳаққиқ мебошад.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия ба қазияи вежагиҳои морфологии исмҳои сохта бахшида шудааст. Мусаллам аст, ки дар забони

адабии ҳозираи тоҷик якчанд роҳи калимасозӣ мавҷуд буда, сермаҳсултарин калимасозии исм бо роҳи морфологӣ сурат мегирад ва мисолҳои осори мавриди қиёс шаҳодати воқеӣ шуда метавонанд, зеро шумораи зиёди унсурҳои луғавии нав бо ҳамин роҳ буёд гирифтаанд.

Ҳамчунин дар диссертатсия иқтидори калимасозии як силсила пасвандҳои исмсоз таҳлилу баррасӣ шудааст, ки дараҷаи корбурди унсурҳои вожасоз якхела набуда, бархе аз аносири вожанигорӣ аз рӯйи истифодаашон аз вандҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тафовут доранд, ки баъзеи онҳо серистеъмол ва дигаре камистеъмоланд. Аз ин таҳқиқ таҳаввули маъно, вазифа, хусусият ва мавқеи вандҳои исмсозро дар қарнҳои XVIII ва XX муайян намудан мумкин аст.

Боби дуюми диссертатсия “**Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии сифат дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX**” ном дорад, ки он фарогири се фаслу ҳафт зерфасл мебошад. Мавзуи меҳварии боби мазкурро категорияи дараҷа дар сифат, вежагиҳои морфологии сифатҳои сохта ва дараҷаи корбурди вандгунаҳо ташкил додаанд. Таҳлили моводи мубрами осори мавриди қиёс дар мисоли категорияи дараҷаи сифат ва роҳу усулҳои сохта шудани он мабнӣ бар он аст, ки забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX дар ин маврид аз забони адабии ҳозираи тоҷик бо баъзе вежагӣ фарқ мекунад. Дар осори мавриди назар чандин вежагиҳои морфологии сифат қайд ва баррасӣ шуданд:

- каммаҳсул ба назар расидани пешвандҳои **ба-**, **бар-** ва **дар-** дар осори мавриди қиёс;

- пешвандҳои **бе-** ва **но-** дар осори мавриди муқоиса яке аз унсурҳои вожасози муштарак ва сермаҳсул мебошанд, ки онҳо чун анъана, аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ сифатҳои аслӣ месозанд;

- агарчи гурӯҳе аз пасвандҳо дар калимасозӣ фаъоланд, гурӯҳи дигаре дар иҷрои ин вазифа кам истифода шудаанд. Аз ин рӯ, пасвандҳои сифатсози **-нок, -манд, -ин, -ина, - гун** ва **-гуна** дар осори муқоисашаванда

корбурди бештар дошта, унсурҳои вожасози **–ак (-як), -акак (-якак),-со, -ур, -гона, -акӣ** ва **-чак** ба назар нарасиданд.

Муқоиса нишон медиҳад, ки дар осори номбурда дараҷаи аломати бартарии сифат дар аксари ҳол бо роҳи аналитикӣ сурат мегирад. Дар ифодаи дараҷаи муқоисавӣ чун анъана ва аз рӯйи қоида дар ҷумла ҳам муқоисакунанда ва ҳам муқоисашаванда меояд. Дар асари таърихии садаи XVIII пешоянди **бар** барои ифодаи дараҷаи бартарии сифат аз нигоҳи маъно ба вазифаи **нисбат ба, назар ба** корбаст мешавад, ки вежагии мазкур ба забони осори мавриди қиёси асри XX хос нест.

Дар фасли дуюми боби мазкур дараҷаи истифодаи вандгунаҳо, аз қабили **бад-, дил-, пур-, сер-, соҳиб-, суъ-(=бад), хуш-,** пасвандгунаҳои **-ангез, -андоз, -бахш, -бардор(ӣ), -боз, -бош(ӣ), –гир(ӣ), –дор(ӣ), -када, -каш, -кор, -обод, -овар, -омез, -пазир, -ранг, -санҷ, -сифат, -соз, -фароз, -фаро, -фурӯш, -хона, -шинос** мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Унвонҷу маълум кардааст, ки вожаҳои мураккаби тавассути вандгунаҳо таркибёфта яке аз хусусиятҳои боризи забони осори қиёсшаванда буда, муаллифон вандгунаҳоро дар ташаккули сифатҳои мураккаб хеле бамаврид истифода бурдаанд, ки дараҷаи корбурди пешвандгунаҳоро муҳаққиқ дар асоси усули эҳсоӣ қиёсу баррасӣ кардааст.

Дар боби сеюм - **"Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишин дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX"** дар бандҳои алоҳида хусусиятҳои морфологии шумора, нумеративҳову воҳидҳои шумор ва ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва таъинӣ сухан рафта, баъзе вежагиҳои бориз ва фарққунандаи ҳиссаҳои номии нутқи номбурда мавриди таҳлилу қиёс қарор дода шудаанд.

Чунонки аз маводи диссертатсия бармеояд, дар забони осори давраҳои қиёсшаванда истифодаи калимаҳои мансуб ба шумора, аз ҷумла **аввал, аввалин** ва **нахуст, нахустин** дучор шудаанд. Имрӯз **аввал** ба чанд маънӣ кор фармуда мешавад, ки яке аз маъноҳояш ба ҳайси шумораи тартибии **якум** корбаст гаштани он ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷик

ва ҳам дар забони давраҳои омӯзиш мебошад. Ҳамчунин, дигар навъи шумораҳо батафсил мавриди қиёсу баррасӣ гаштаанд.

Фасли дуюми боби мазкур пажуҳиши ҷонишин ва вежагиҳои морфологии баъзе анвои он оид аст. Низоми ҷонишинҳои маводи таҳқиқ аз низоми ҷонишинҳои забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ бо баъзе хусусиятҳои ҷузъии худ фарқ мекунанд. Муҳаққиқ дар заминаи ҳисоби оморӣ нишон медиҳад, ки кадом ҷонишинҳо сермаҳсуланд ва кадоме каммаҳсул.

Дар саросари диссертатсия барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқ унвонҷу ба ҷанбаи омории осори мавриди таҳқиқ диққат дода, ба мақсадҳои муқаррарнамудаи худ ноил гардидааст.

Дар «Хулоса»-и диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқ ҷамъбаст гардидаанд, ки як қисмати муҳимми онро пешниҳодҳо ташкил менамоянд. Пешниҳодҳо, ба натиҷаҳои ҷусторҳои диссертант асос ёфта, дар се банд вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони осори давраҳои мухталиф,категорияҳои муайяниву номуайянӣ ва шумораи исм, имконоти калимасозии исму сифат, шаклу намудҳои шумораҳо ва низоми ҷонишинҳо вобаста ба самтҳои минбаъдаи таҳлили қиёсӣ муайян карда шудаанд.

Бино бар тавсияҳо, муҳаққиқ аз комёбиҳо дар шаклгирии корҳои илмӣ-тадқиқотии оид ба морфология ва вожасозӣ огоҳ буда, онҳоро хуб истифода намудаст.

Дастовардҳои таҳқиқоти мазкурро зимни омӯзишу баррасии масоили забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, сарфу наҳв метавон истифода намуд, ҳамчунин маводи он дар таҳияи дастурҳо ва раҳнамоҳои таълим аз фанҳои сарфу наҳв ва семинарҳои махсуси забон барои суҳбату машваратҳои илмӣ заминаи муфид ба ҳисоб меравад.

Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX дар мисоли осори таърихӣ аз падидаҳои арзишманди забоншиносии тоҷик шумор меравад. Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии забони давраҳои гуногун дар татбиқи ҳамгиро (интегратсионӣ) ҳамчун замина хидмат менамояд.

Автореферат ва мақолаҳои дарҷгардидаи унвонҷӯ мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияи мазкурро ифода менамоянд ва ҷавобгӯи талаботи илми муосиранд.

Дар баробари комёбиҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар расиданд. Чунончи, фаслҳои якум ва дуюми боби сеюм хулосаи мушаххас надоранд, чанде аз мисолҳои автореферат тарҷумаи русӣ надоранд, хуб мешуд, агар саҳифаҳои замима аз аввал рақамгузорӣ карда шаванд.

Эродҳои мазкур арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд, онҳоро метавон ба зудӣ ислоҳ кард.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба шиносномаи ихтисоси шурои дифои барои ҳимоя пешниҳодшуда мувофиқ буда, ба соҳаи афзалиятноки илм ва таълим – амалисозии барномаҳои давлатии дурнамои рушди забони тоҷикӣ ва такмили таълими он нигаронида шудааст, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври мукаммал дар 20 мақолаи илмӣ (аз ҷумла, 10 мақола дар маҷаллаҳои дар қайди КОА буда) интишор ёфтааст, ҳамчунин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавию донишгоҳӣ мавриди бозсанҷӣ қарор гирифтааст.

Кори диссертатсионии Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

1. Комиссияи ташхис забоншиносони зеринро, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Муқарризи расмии аввал –** доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ, профессор, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Сайфиддин Назарзода**

**Муқарризи расмии дуюм –** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Эгамназаров Ҳамза Ҳақназарович**

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода”

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

3. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхиси шурои дифоъ:**
**доктори илми филология, Корманди шоистаи Тоҷикистон:** **Шокиров Т.С.**

**Аъзои комиссияи ташхиси шурои дифоъ:**
**доктори илми филология, дотсент:** **Азимова М.Н.**

**доктори илми филология, дотсент:** **Расулов С.М.**

**27.09.2022**